*“Ба қуллаҳои дониш”*
*№ 17 (380), шанбе 15 майи с.1971, саҳ. 2*

# ФУРӮҒИ ШЕЪРИ ҶОНПАРВАР

Дар хусуси рӯзгор ва эҷодиёти шоири бузурги тоҷику форс Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ асрҳо инҷониб суханҳои зиёде гуфта шудаанд ва китобҳои бешуморе таълиф ёфтаанд. Шоири ҳассос, лирики нозукбаён будани Ҳофиз дар тамоми даврахо, тақрибан аз тарафи ҳама эътироф гардидааст, ки ин бахт на ба ҳама, ҳатто баъзан ба шоирони бузург ҳам муяссар намегардад. Ин шаъну шӯҳрат ва эътирофи умум ба Ҳофиз, бешубҳа, ба туфайли ашъори латифу салис ва ҷонбахши ӯ насиб гардидааст.

Суръати омӯзиши аҳвол ва осори Ҳофиз махсусан дар ду асри охир, бештар аз ҳама дар давраи мо тезтар шуд. Алалхусус, ба шарофати ҷашни 650-солагии шоир бисёр масъалаҳои тарҷимаи ҳол ва баъзе тарафҳои осори гаронмояи ӯ ошкор гардиданд.

Бо вуҷуди ин ҳама, гуфтан воҷиб аст, ки дар соҳаи ҳофизшиносӣ корҳо дар пешанд. Агар хато накунем, дар ҳофизшиносӣ ду масъалаи муҳим дар пеши адабиётшиносон кӯндаланг истодаанд, ки онҳо ба ҳамдигар вобастаанд:

Якум: муҳайё намудани матни илмӣ-интиқодии осори Ҳофиз;

дуюм: ошкор кардани асрори шеъри ӯ.

Аммо ин масъалаҳо ба ҳамдигар зич алоқаманданд, зеро ашъори ҳақиқии Ҳофизро муайян накарда, масъалаҳои маҳорати ӯро тадқиқ намудан мумкин нест ва дар айни замон, ки автографи шоир дар даст нест, хусусиятҳои хоси услубии ӯро ошкор насохта, матни аслии (илмӣ-танқидии) осорро таҳия кардан аз имкон берун аст.

То чӣ андоза ба ҳақиқат наздик будани хулосаи болоро мисолу мулоҳизаҳои зерин собит хоҳанд намуд.

Маълум аст, ки яке аз масъалаҳои маркази эҷоди бадеӣ ягонагии мундариҷа ва шакл мебошад. Воситаҳои ягонагии мундариҷа ва шакл хеле гуногунанд, чунончӣ он дар вазн, қофия, интихоби калимаю ибора, санъатҳои бадеӣ, офариниши образҳои шеърӣ ва амсоли инҳо зоҳир мегардад. Риоя намудани таносуби маънавии калом низ аз ҷумлаи омилҳои ягонагии ду категорияи мазкур ба шумор меравад.

Як нишонаи муҳимми услубии ашъори Хоҷа Ҳофиз дар он аст, ки шоир муносибати қавии байни калимаҳоро ҳамеша нигоҳ доштааст. Масалан, дар ин байт тамоми калимаҳо бо ҳамдигар муносибате (ё тазодди ва ё ҳамҷинсӣ) доранд:

***Султону фикри лашкару савдои тоҷу ганҷ,***
***Дарвешу амни хотиру кунҷи қаландарӣ.***

Дар ин байт мафҳумҳо ба ду силсилаи мутазодди ҳамдигар, яъне «султон» - «фикри лашкар», «савдои тоҷу ганҷ» аз як тараф ва «дарвеш» - «амни хотир», «кунҷи қаландарӣ», аз тарафи дигар, тақсим шудаанд ки ҳар як мафҳум, дар навбати худ, бо мафҳуми параллелии худ муқобил мебошад. Ҷолиби диққат аст, ки шоир «султон» ва «дарвеш»-ро, ки сарсилсила мебошанд, муқобил гузошта, бартарияти ҳеҷ яке аз онҳоро кушоду равшан намегуяд, вале ҳусни таваҷҷуҳи самимии у нисбат ба дарвеш аз мантиқи бадеии байт, аз равиши ташаккули фикр ба тарзи барҷаста аён мегардад, чунки афзалияти амни хотирро аз андешаю ташвиши лашкар ва кунҷи орому қаноатро аз савдову талоши тоҷу ганҷ ҳар як соҳибдил ба хубӣ медонад.

Ҳамон навъе ки маълум мегардад, дар ин байт ягон калима берун аз силсилаи таносуб оварда нашудааст.

Азбаски ин хусусият барои ашъори Ҳофиз ом аст, ин ҷо аз овардани мисолҳои дигар худдорӣ мекунем.

Дар боло ишора рафта буд, ки осори Ҳофизро бе ёрии услуби ӯ аз тасарруфоти бегонагон озод кардан мумкин нест. Аз ҷумла, мушоҳидаи мантиқи бадеии осори шоир низ барои шинохтани моли аслии ӯ кумак расонида метавонад.

Чунончӣ:

***Биё, ки қасри амал сахт сустбунёд аст,***
***Биёр бода, ки айёми умр барбод аст.***

Агар ба ин байт бодиққат назар андохта шавад, пай бурдан мумкин аст, ки дар он таносуби калимаҳо он қадар ҳам мустаҳкам нест. Масалан, калимаи «биё» дар мисраи аввал бо мафҳумҳои боқимонда, агар хато накунем, он қадар зич алоқаманд нест. Аз тарафи дигар, таъбири «сахт сустбунёд» аст, ки

таъбири ғайричашмдошт ва тазодди нисбатан гӯшхароше мебошад, ба руҳи латифи сухани Ҳофиз бегона менамояд.

Ҳамин ҳолат дар байтҳои боқимондаи ин ғазал ки матлааш зикр шуд, мушоҳида карда мешавад. Калимаю таъбирҳои мавҳум ва норавони «дар андаруни ман», «корҳо ба навост», «хушаш орост», «фазои сина» ва амсоли инҳо, ки дар ин шеър дида мешаванд, дар дигар ашъор камтар дучор меоянд. Зимнан бояд гуфт, ки дар ин ғазал боз дар ду маврид калимаҳои мураккаби «сустниҳод» ва «сустназм» кор фармуда шудааст, ки чунин ҳолат, яъне калимаҳои мураккаби дар асоси калимаи «суст» сохташуда дар осори Ҳофиз (аз ҷумла, дар «Мунтахаби ғазалиёт», Душанбе «Ирфон», 1967) тақрибан ба назар намерасад.

Ҳамин навъ тасарруфотро дар баъзе шеърҳои дигар ҳам (руҷуъ кунед ба «Мунтахаби ғазалиёт», саҳифаҳои 50, 144, 155, 160, 182 ва ғайра) вохӯрдан мумкин аст. Чунончӣ, дар ғазали машҳури «Бибурдӣ аз ман қарору тоқату ҳуш...» ташбеҳи «Ба сони дег доим мезанам ҷӯш» ҳаст, ки он табиатан бо лутфи сухани Ҳофиз созгор нест. Ин ҷо, шояд, тасарруф шуда бошад…

Умуман ашъори Ҳофиз асрори зиёде дорад, ки омӯзиши онҳо фоидаи беқиёсро доро мебошад.

Маҳорати Ҳофизро бояд омӯхт.

**Р. Мусулмонқулов,**
муаллими калони кафедраи
адабиёти советии тоҷик ва назарияи адабиёт,
номзади илмҳои филология.

«Ба қуллаҳои дониш» 4
№17 (380), шанбе 15 майи с. 1971, саҳ. 2

# ФУРӮҒИ ШЕЪРИ ҶОНПАРВАР

Дар хусуси рӯзгор ва эҷодиёти шоири бузурги тоҷику форс Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ асрҳо инҷониб суханҳои зиёде гуфта шудаанд ва китобҳои бешуморе таълиф ёфтаанд. Шоири ҳассос, лирики нозукбаён будани Ҳофиз дар тамоми давраҳо, тақрибан аз тарафи ҳама эътироф гардидааст, ки ин бахт на ба ҳама, ҳатто баъзан ба шоирони бузург ҳам муяссар намегардад. Ин шаъну шуҳрат ва эътирофи умум ба Ҳофиз, бешубҳа, ба туфайли ашъори латифу салис ва ҷонбахши ӯ насиб гардидааст.

Суръати омӯзиши аҳвол ва осори Ҳофиз махсусан дар ду асри охир, бештар аз ҳама дар даврам мо тезтар шуд. Алалхусус, ба шарофати ҷашни 650-солагии шоир бисёр масъалаҳои тарҷимаи ҳол ва баъзе тарафҳои осори гаронмояи ӯ ошкор гардиданд.

Бо вуҷуди ин ҳама, гуфтан воҷиб аст, ки дар соҳаи ҳофизшиносӣ корҳо дар пешанд. Агар хато накунем, дар ҳофизшиносӣ ду масъалаи муҳим дар пеши адабиётшиносон кӯндаланг истодаанд, ки онҳо ба ҳамдигар вобастаанд:

Я к у м: муҳайё намудани матни илмӣ-интиқодии осори Ҳофиз;

д у й у м: ошкор кардани асрори шеъри ӯ.

Аммо ин масъалаҳо ба ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд, зеро ашъори ҳақиқии Ҳофизро муайян накарда, масъалаҳои маҳорати ӯро тадқиқ намудан мумкин нест ва дар айни замон, ки автографи шоир дар даст нест, хусусиятҳои хоси услуби ӯро ошкор насохта, матни аслии (илмӣ-танқидии) осорро таҳия кардан аз имкон берун аст.

То чӣ андоза ба ҳақиқат наздик будани хулосаи болоро мисолу мулоҳизаҳои зерин собит хоҳанд намуд.

Маълум аст, ки яке аз масъалаҳои марказии эҷоди бадеӣ ягонагии мундариҷа ва шакл мебошад. Воситаҳои ягонагии мундариҷа ва шакл хеле гуногунанд, чунончӣ он дар вазн, қофия, интихоби калимаю ибора, санъатҳои бадеӣ, офариниши образҳои шеърӣ ва амсоли инҳо зоҳир мегардад. Риоя намудани таносуби маънавии калом низ аз ҷумлаи омилҳои ягонагии ду категорияи мазкур ба шумор меравад.

Як нишонаи муҳимми услубии ашъори Хоҷа Ҳофиз дар он аст, ки шоир муносибати қавии байни калимаҳоро ҳамеша нигоҳ доштааст. Масалан, дар ин байт тамоми калимаҳо бо ҳамдигар муносибате (ё тазодди ва ё ҳамҷинсӣ) доранд:

**Султону фикри лашкару савдои тоҷу ганҷ,**
**Дарвешу амни хотиру кунҷи қаландарӣ.**

Дар ин байт мафҳумҳо ба ду силсилаи мутазодди ҳамдигар, яъне «султон» — «фикри лашкар», «савдои тоҷу ганҷ» аз як тараф ва «дарвеш» — «амни хотир», «кунҷи қаландарӣ», аз тарафи дигар, тақсим шудаанд ки ҳар як мафҳум, дар навбати худ, бо мафҳуми параллелии худ муқобил мебошад. Ҷолиби диққат аст ки шоир «султон ва «дарвеш»-ро, ки сарсилсила мебошанд, муқобил гузошта, бартарияти ҳеҷ яке аз онҳоро кушоду равшан намегӯяд, вале ҳусни таваҷҷӯҳи самимии ӯ нисбат ба дарвеш аз мантиқи бадеии байт, аз равиши ташаккули фикр ба тарзи барҷаста аён мегардад, чунки афзалияти амни хотирро аз андешаю ташвиши лашкар ва кунҷи орому қаноатро аз савдову талоши тоҷу ганҷ ҳар як соҳибдил ба хубӣ медонад.

Ҳамон навъе ки маълум мегардад, дар ин байт ягон калима берун аз силсилаи таносуб оварда на шудааст.

Азбаски ин хусусият барои ашъори Ҳофиз ом аст, ин ҷо аз овардани мисолҳои дигар худдорӣ мекунем.

Дар боло ишора рафта буд, ки осори Ҳофизро бе ёрии услуби ӯ аз тасарруфоти бегонагон озод кардан мумкин нест. Аз ҷумла, мушоҳидаи мантиқи бадеии

осори шоир низ барои шинохтани моли аслии ӯ кӯмак расонида метавонад.

Чунончӣ:

**Биё, ки қасри амал сахт сустбуньёд аст,**
**Биёр бода, ки айёми умр барбод аст.**

Агар ба ин байт бодиққат назар андохта шавад, пай бурдан мумкин аст, ки дар он таносуби калимаҳо он қадар ҳам мустаҳкам нест. Масалан, калимаи «биё» дар мисраи аввал бо мафҳумҳои боқимонда, агар хато накунем, он қадар зич алоқаманд нест. Аз тарафи дигар, таъбири «сахт сустбуньёд аст», ки таъбири ғайричашмдошт ва тазодди нисбатан гӯшхароше мебошад. ба рӯхи латифи сухани Ҳофиз бегона менамояд.

Ҳамин ҳолат дар байтҳои боқимондаи ин ғазал ки матлааш зикр шуд, мушоҳида карда мешавад. Калимаю таъбирҳои мавҳум ва норавони «дар андаруни ман», «корҳо ба навост», «хушаш орост», «фазои сина» ва амсоли инҳо, ки дар ин шеър дида мешаванд, дар дигар ашъор камтар дучор меоянд. Зимнан б… гуфт, ки дар ин ғазал боз дар ду маврид калимаҳои мураккаби «сустниҳод ва «сустназм» кор фармуда шудааст, ки чунин ҳолат, яъне калимаҳои мураккаби дар асоси калимаи «суст» сохташуда дар осори Ҳофиз (аз ҷумла, дар «Мунтахаби ғазалиёт», Душанбе «Ирфон», 1967) тақрибан ба назар намерасад.

Ҳамин навъ тасарруфотро дар баъзе шеърҳои дигар ҳам (руҷӯъ кунед ба «Мунтахаби ғазалиёт», саҳифаҳои 50, 144, 155, 160, 182 ва ғайра) вохӯрдан мумкин аст. Чунончи, дар ғазали машҳури «Бибур… аз ман қарору тоқату ҳуш...» ташбеҳи «Ба сони доғ доим мезанам ҷӯш» ҳаст, ки он табиатан бо лутфи сухани Ҳофиз созгор нест. Ин ҷо, шояд, тасарру… шуда бошад...

Умуман ашъори Ҳофиз асрори зиёде дорад, ки омӯзиши онҳо фоидаи беқиёсро доро мебошад.

Маҳорати Ҳофизро бояд омӯхт.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**муаллими калони кафедраи адабиёти советии тоҷик ва назарияи адабиёт, номзади илмҳои филология.**